**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”**

# НИЗОМНОМАИ КОМИССИЯИ ҚАБУЛ

Душанбе - 2018

«Тасдиқ шудааст»
дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз «___»__________соли 20 18 № 11
раиси Шӯрои олимон д.и.т., профессор Гулзода М.К.
_________________
«___»__________с.2018

# НИЗОМНОМАИ КОМИССИЯИ ҚАБУЛИ МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

Душанбе – 2018

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Тартиб ва тарзи қабули имтиҳонҳои қабул барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино фаъолият менамояд.

## II. Вазифаҳои Комиссияи қабул

2.1.Бо назардошти талаботи соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ба табибон лоиҳаи нақшаи қабули донишҷӯёнро барои соли таҳсил таҳия намуда, барои мувофиқа ба Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм пешниҳод менамояд;

2.2.Тартиби қабули ҳуҷҷатҳои донишҷӯёнро ба донишгоҳ муқаррар менамяод;

2.3.Дар байни шунавандагони Маркази омодагии қаблӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳиро тариқи вохӯриҳо, гузаронидани «Рӯзҳои дарҳои кушода», нашри варақаҳои иттилоотӣ, ахбор дар рӯзномаю маҷаллаҳо ва телевизиону радио амалӣ менамояд;

2.4.Маълумоти заруриро дар бораи иҷозатнома дар бораи пешбурди фаъолияти таълимӣ, нақшаи қабул, нархномаи таҳсил барои ҳар як ихтисос, факултетҳо ва ихтисосҳои донишгоҳ дар сомонаи расмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир менамояд;

2.5. Ба мактубҳо ва саволҳои довталабон тариқи хаттӣ ва электронӣ ҷавобҳои мушаххас мегардонад;

2.6. Қабули ҳуҷҷатҳои довталабони тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз озмун гузашта, довталабони тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, довталабони бо истифодаи имтиёз қабулгардида (маълумоти дуюми олӣ, довталабони дорандаи медалҳои тилло ва нуқра), довталабони хориҷии аз сӯҳбат гузашта дар муҳлати муқарраршуда амалӣ карда мешаванд.

## III. Ҳайати Комиссияи қабул

3.1. Ҳайати Комиссияи қабул аз ашхоси зерин иборат аст: раиси комиссия, муовини раиси комиссия, аъзои комиссия, котиби масъули комиссияи қабул, мутассадиёни қабули ҳуҷҷатҳо дар факултетҳо, кормандони техникӣ ва ёрирасон.

3.2. Ба ҳайати аъзои Комиссияи қабул муовинони ректор, декани факултетҳо ва сардорони созмони ҷавонон ва иттифоқҳои касабаи донишҷӯён дохил мешаванд.

3.3. Барои фаъолияти Комиссияи қабул ба он барои кор донишҷӯёни фаъоли аъзои созмони ҷавонон ва дигар созмонҳои ҷамъиятии донишгоҳ, ординаторони клиникӣ ва аспирантон ҷалб карда мешаванд.

3.4. Роҳбарии Комиссияи қабулро раиси комиссия амалӣ менамояд. Раиси Комиссияи қабул ректори донишгоҳ мебошад. Ба вазифаи муовини раиси Комиссияи қабул, муовини ректор оид ба таълим таъин карда мешавад.

***Раиси Комиссияи қабул***:

– дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ роҳбарии Комиссияи қабулро ба зимма дорад ва барои натиҷаи фаъолияти он ӯҳдадор мебошад;

– дар масъали қабули донишҷӯён ба донишгоҳ дар ҳама идораҳо ва муассисаҳо Комиссияи қабулро намояндагӣ менамояд;

– аз ҳисоби докторон ва ё номзадҳои илм ба Вазорати маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии котиби масъули Комиссияи қабулро барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

– ҳайати Комиссияи қабулро тасдиқ менамояд;

– нақшаи кории Комиссияи қабулро тасдиқ менамояд;

– вобаста ба фаъолияти Комиссияи қабул фармоиш интишор медиҳад;

– доир ба масъалаи қабули донишҷӯён ба донишгоҳ қабули шаҳрвандонро амалӣ менамояд;

– ҳисоботи котиби масъули Комиссияи қабулро дар тамоми давраи фаъолияти Комиссияи қабул қабул менамояд;

– оид ба қабули донишҷӯён ба донишгоҳ фармоиш интишор менамояд.

***Муовини раиси Комиссияи қабул***:

– Санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Комиссияи қабулро омода менамояд;

– Ба аъзо ва мутассадиёни Комиссияи қабул тартиби қабули донишҷӯёнро ба донишгоҳ мефаҳмонад;

– Дар сӯҳбати донишҷӯёни хориҷӣ, барои гирифтани маълумоти дуюми олӣ ва дигар довталабони имтиёзнок иштирок менамояд;

– Рафти қабули ҳуҷҷатҳои довталабон, муоинаи тиббӣ ва тибқи руйхати Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани довталабони аз озмун гузаштаро назорат менамояд;

– Ҳангоми набудани Раиси Комиссияи қабул вазифаҳои ба зиммаи ӯ гузошташударо иҷро менамояд.

***Котиби масъули Комиссияи қабул***

Котиби масъули Комиссияи қабул аз ҷумлаи докторон ва номзадҳои илм аз ҷониби ректори донишгоҳ пешниҳод шуда, аз тарафи Вазорати маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол тасдиқ карда мешавад. Котиби комиссияи қабул барои фаъолияти Комиссия ӯҳдадор мебошад.

Ба ӯҳдадориҳои котиби масъули Комиссияи қабул дохил мешаванд:

*Дар марҳилаи тайёрӣ*

– гузаронидани корҳои таблиғотӣ барои ҷалби довталабон ба донишгоҳ (Рӯзҳои «дарҳои кушода» эълонот дар васоити ахбори омма, нашри махсуси рӯзномаи «Ворисони Сино», дар сомонаи донишгоҳ ҷойгир намудани маълумот оид ба сохтор, фаъолият, қоидаҳои қабули донишҷӯён ба донишгоҳ);

– тайёр намудани маводҳо барои фаъолияти Комиссияи қабул (маводҳои имтиҳонӣ, аризаҳо, ёддошт ба довталабон, парвандаҳи шахсӣ ва ғ.);

– тайёр намудани ҳуҷраҳо барои фаъолияти Комиссияи қабул, тартиб додани овезаҳои таблиғотӣ ва ахборӣ оид ба фаъолият, қабули довталабон, сохтор ва ихтисосҳои донишгоҳ;

– таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намудани нақшаи кории Комиссияи қабул;

– ба ректори донишгоҳ барои тасдиқ пешниҳод намудани номзадии мутассадиёни қабули ҳуҷҷатҳо ба факултетҳо, кормандони техникӣ ва кормандони ёрирасони Комиссияи қабул;

– гузаронидани инструктаж бо кормандони Комиссияи қабул;

*дар марҳилаи қабули ҳуҷҷатҳо:*

– таъмин намудани шиносшавии довталабон бо номгӯи ихтисосҳо, фанҳои имтиҳонӣ ва тарзу усули баргузории имтиҳон;

– таъмин намудани пешниҳоди маълумот ба довталабон оид ба нақшаи қабули донишҷӯён;

– фармоиш оид ба қабули донишҷӯёнро ба донишгоҳ таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

*баъди қабули донишҷӯён:*

– парвандаҳои шахсии довталабонеро, ки ба курси якум қабул шуданд, пурра тайёр намуда, ба шӯъбаи таълим месупорад;

***Муовини котиби масъули Комиссияи қабул***

Муовини котиби масъули Комиссияи қабул бо пешниҳоди котиби масъули Комиссияи қабул аз тарафи ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешавад. Муовини котиби масъули Комиссияи қабул:

- ҷараёни фаъолияти мутассадиёни қабули ҳуҷҷатҳоро дар факултетҳо ва кормандони техникиро назорат мекунад;
- маводҳоро барои ҳисоботи Комиссияи қабул тайёр менамояд;
- маълумоти омории ҳаррӯзаро тайёр менамояд;
- корҳои тарғиботию ташвиқотии Комиссияи қабулро ташкил ва назорат мекунад;
- баргузории ҷаласаҳои Комиссияи қабулро ташкил ва таъмин менамояд;
- пайнавиштҳои ҷаласаҳои Комиссияи қабулро тартиб медиҳад;
- ҷиҳозонидани ҳуҷраҳои қабули ҳуҷҷатҳорон ташкил ва назорат мекунад;
- назорат ва ба таври зарурӣ ба роҳ мондани ҳуҷҷатнигориро дар Комиссияи қабул таъмин менамояд;
- дар вақти набудани Котиби масъули Комиссияи қабул вазифаҳои ӯро иҷро менамояд.

***Мутассадии қабули ҳуҷҷатҳо дар факултетҳо***

Мутассадии қабули ҳуҷҷатҳо дар факултетҳо бо пешниҳоди котиби масъули Комиссияи қабул аз тарафи ректор тасдиқ карда мешавад.

*Мутассадии қабули ҳуҷҷатҳо дар факултетҳо оид ба дурустии ҳуҷҷатҳои қабулшуда ба факултет пурра ҷавобгӯ мебошад.*

Ӯҳдадориҳои мутассадии қабули ҳуҷҷатҳо дар факултетҳо:

– қабули ҳуҷҷатҳои довталабонро ба факултети вобастакардашуда амалӣ менамояд;

– вуҷуд доштан ва мувофиқ будани ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталабонро ба Қоидаҳои қабул, дуруст пур намудани аризаҳоро тафтиш менамояд;

– фаъолияти кормандони ёрирасони факултетро ташкил менамояд;

– ҳамарӯза баъди ба итмом расидани кор ба Котиби масъули Комиссияи қабул ҳисобот оид ба қабули ҳуҷҷатҳои довталабон пешниҳод менамояд;

– парвандаи шахсии довталабони ба курси 1-ум қабулшударо тайёр намуда, бо санад ба шӯъбаи таълим месупорад;

***Кормандони техникӣ***

Корманди техникӣ аз тарафи котиби масъули Комиссияи қабули пешниҳод ва аз ҷониби ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешавад;

Корманди техникӣ:

−на камтар аз 1 моҳ то оғози қабули ҳуҷҷатҳо шумораи зарурии компютерҳо, таъминоти барономавии онро тайёр намуда, дараҷаи коршоямии онҳоро тафтиш менамояд;

− ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳо маълумоти заруриро оид ба довталабон ба пойгоҳи маълумотии донишгоҳ ворид менамояд;

−оид ба дурустии ва саҳеҳии маълумотҳои ба пойгоҳи маълумотӣ вориднамуда ҷавобгӯ мебошад;

−ба котиби масъули Комиссияи қабул оид ба қабули ҳуҷҷатҳо ҳисобот ва ахбори заруриро пешниҳод менамояд;

***Кормандони ёрирасони Комиссияи қабул***

Кормандони ёрирасони Комиссияи қабул аз ҳисоби омӯзгорон ва донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ бо пешниҳоди Котиби масъули Комиссияи қабул аз тарафи ректори донишгоҳ тадиқ карда мешаванд.

Кормандони ёрирасони факултетҳо:

- ҳуҷҷатҳои довталабро аз мутассадии кор бо компютер қабул менамоянд;
- ба довталаб «Дастхат оид ба қабули ҳуҷҷатҳо»-ро медиҳанд ва ба ӯ хотиррасон менамоянд, ки дар сурати гум намудани дастхат ба Комиссияи қабул муроҷиат намояд;
- парвандаи шахсии довталабро тартиб медиҳанд ва дар дохили парванда ҳуҷҷатҳои довталабро дар тартиби муқарраршудаи зерин мегузоранд: ариза, шартнома (барои довталабони ба таври шартномавӣ ҳуҷҷатсупоранда) маълумотномаи тиббии шакли 038-У, ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои довталабони тибқи Квотаи Президентӣ (агар довталаб дорои ин имтиёз бошад), нусхаи шиноснома. Аттестат оид ба хатми мактаби миёна ва суратҳо дар лифофаи дар дохили парванда часпонидашуда ҷой медиҳанд. Аз тарафи даруни парванда дар кунҷи боло ва чапи он сурати довталабро мечаспонанд;
- парвандаи шахсии довталабонро вобаста ба гурӯҳҳо дар шкафи махсус ҷойгир менамоянд;
- маҷаллаи «Қайди ҳуҷҷатҳои довталабон»-ро пур менамоянд;
- парвандаи шахсии довталабонро барои аз назаргузаронии аъзоёни Комиссияи қабул тайёр менамоянд;
- парвандаҳои шахсии довталабон ва рӯйхати довталабони дохилшударо барои супоридан ба шӯъбаи таълим тайёр менамоянд;

## IV.Тартиби қабули ҳуҷҷатҳо

4.1. Комиссияи қабул аз довталабон ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурие, ки дар Қоидаҳои қабул зикр шудаанд, қабул менамояд.

4.2. Баъди қабули ҳуҷҷатҳо ва ба пойгоҳи маълумотӣ ворид намудани маълумотҳои лозимӣ ба довталаб дастхат дода мешавад.

4.3. 3. Маълумот оид ба довталаб дар маҷаллаи қайд дарҷ карда мешавад. Маҷаллаи қайд барои ҳар факултет алоҳида мебошад.

4.4. Барои ҳар кадом довталаб парвандаи шахсӣ тартиб дода мешавад, ки дар он ҳуҷҷатҳои зарурӣ гузошта мешаванд.

## V.Тартиби ба сафи донишҷӯён қабул намудани довталабон

5.1. Ба сафи донишҷӯён қабул намудани довталабон дар асоси натиҷаи Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва натиҷаи озмуни Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

5.2. Қарори Комиссияи қабул дар бораи қабули довталабон ба сафи донишҷӯён ба шакли протокол таҳия карда мешавад, ки дар он дар кадом асос қабул шудани довталабонро дарҷ менамоянд.

5.3. Дар асоси Қарори комиссияи қабул ректори донишгоҳ оид ба қабули довталабон ба сафи донишҷӯён фармоиш интишор менамояд.

## VI.Тартиби ҳисоботи Комиссияи қабул

6.1. Фаъолияти Комиссияи қабул баъди ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимон ба охир мерасад.

6.2. Ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ барои баррасии фаъолияти Комиссияи қабул ҳуҷҷатҳои зерин ба инобат гирифта мешаванд:

- Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
- ҳуҷҷатҳое, ки нишондоди омориро инъикос мекунанд;
- фармоишҳо оид ба таъини аъзоёни Комиссияи қабул;
- протоколҳои ҷаласҳои Комиссияи қабул;
- парвандаҳои шахсии довталабон;
- Руйхати пешниҳодгардидаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи озмун;
- фармоиш оид ба қабули довталабон;
- ҳисоботи Комиссияи қабул.

**Варақаи розигӣ**

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи розигӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба таълим | Ибодов С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Юсуфӣ С.Ҷ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Директори Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудов Х.Р. | | |
| 7. | Сардори бахши таъминоти ҳуқуқӣ | Саидов Ҷ.З. | | |